# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № _____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.02.2026, № 46.3**

Барои сазовор донистани Сафарзода Сафармад Саид, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя 18 декабри соли 2025, протоколи №46.2-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1), ки бо фармоиши раиси КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, №289/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ – Сафарзода Сафармад Саид 22 августи соли 1992 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз бо касби иқтисодчӣ, соли 2024 Академияи идоракунии давлатии назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси идораи давлатӣ ва ҳуқуқ бо касби ҳуқуқшинос хатм намудааст. Соли 2020 зинаи аспирантураи Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар ҷаласаи Шурои олимони Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2021, суратҷаласаи №3 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими МД «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» Бобоҷониён Даврон Додоҷон.

**Муқарризони расмӣ:**

Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муртазозода Ораз, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров».

Дар хулосаи мусбатдодашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сатторова М.Р., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳусейнова М.В., ташхисгар – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Пӯлотова Х.Ш. ба имзо расида, аз ҷониби ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва бааннҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он Сафарзода Сафармад Саид сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

1. Сафарзода, С.С. Инвестиционный процесс и его роль в развитии социально экономических условий регионов Таджикистана [Текст] / С.С. Сафарзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. - №9. – С. 38-43.

2. Сафарзода, С.С. Инвестирование: финансовый источник социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан [Текст] / С.С. Сафарзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. - №10. – С. 61-66.

5. Сафарзода, С.С. К вопросу теории и практики региональной инвестиционной политики в условиях рынка [Текст] / С.С. Сафарзода //

Международный научный журнал Образование и наука в России и за зарубежом. – Москва, 2019. - №15 (63). – С. 29-36.

3. Сафарзода, С.С. Инвестирование: финансовый источник социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан [Текст] / С.С. Сафарзода, Х.А. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. - №9. – С. 141-146.

4. Сафарзода, С.С. Оценка основных условий и факторов инвестиционной поддержки социально-экономического развития региона [Текст] / С.С. Сафарзода // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2022. - №4/2 (34). – С. 91-98.

6. Сафарзода, С.С. Принципы и факторы инвестиционной поддержки социально-экономического развития региона в Республике Таджикистан [Текст] / С.С. Сафарзода // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2023. - №3 (37). – С. 272-282.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид гардиданд:**

**1. Иброҳимзода И.Р.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо эроди зерин: муаллиф дар автореферати худ пайдарҳамии масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро то андозае ба инобат нагирифтааст.

**2. Мирзоалиев А.А.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо эродҳои зерин: муаллиф самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳоро мушаххас нишон надодааст. Инчунин, агар дар кор аз ҷониби муаллиф ягон механизми муайяни амалкунанда такмил дода шуда бошад ҳам, дар ин хусус дар автореферат матлабе дида намешавад.

**3. Бобозода А.А.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо эроди зерин: асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст.

**4. Гулаков У.М.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо эроди зерин: дар автореферат равандҳои ҳамгироии сохторҳои давлатӣ бо соҳибкорон ва сармоягузорон асосан дар сатҳи консептуалӣ шарҳ дода шуда, механизмҳои амалӣ ва марҳилаҳои татбиқи онҳо ба таври муфассал нишон дода нашудаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он мудаллал карда шудааст, ки МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» оид ба самти илмии дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

***коркард карда шуд:*** муқарраротҳои илмӣ-амалӣ оид ба роҳандозии сиёсати сармоягузории минтақа, принсипҳо ва омилҳои рушди устувори минтақа, механизми сиёсати сармоягузорӣ ва буҷетӣ-андозӣ, унсурҳои ҳавасмандгардонии низоми фискалӣ, унсурҳои алоқамандии зернизомҳои тақсимбандии сармоягузориҳо дар минтақа, усулҳои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва ғайра.

***ақида пешниҳод шудааст,*** ки дар натиҷаи такмили механизмҳои дастгирикунандаи сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, иқтидори иқтисодии минтақа, болоравии ҷолибияти сармоягузорон ҷиҳати сармоягузорӣ таъмин хоҳад гашт. Њамзамон, зимни афзоиши манобеи сармоягузорӣ ба минтақа тавсеаи иҷтимоии минтақа низ куллан дигаргун мегардад;

***исбот шудааст, ки*** самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузориҳо барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа аз коркарди низоми чораҳои мушаххас барои равнақу густариши навъҳои дастгирӣ ва мукаммалнамоии сиёсати сармоягузории минтақавӣ, такмили танзими давлатӣ ҳангоми шаклгирии механизми буҷетӣ-андозӣ барои иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа, такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ бар асоси таҳрики фаъолнокии фароиндҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо мақсади вусъатбахшии ҳадафҳои рушди устувори минтақа вобастагӣ дорад.

***ворид намудани*** тағйирот ба барномаи рушди иқтисодии-иҷтимоии минтақа дар самти сармоягузорӣ, муносибат ва равишҳо дар самти шаклгирии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои соҳаҳои нисбатан афзалиятдоштаи иқтисоди минтақа, механизмҳои такмили давлатии танзмикунандаи фаъолияти сармоягузориҳо, идоранамоии фаъолияти сармоягузорӣ ва таркиби захиравии он, таъсиси низоми муттаҳидсозандаи захираҳои молиявӣ дар пойгоҳи сохтори сармоягузории минтақа метавонанд ҳамчун усули тақвиятдиҳанда дар самти рақобатпазирнамоии минтақа баромад намоянд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки

***исбот намудани*** усулҳо ва равишҳои назариявӣ ва методии арзёбии сиёсати сармоягузории ва самаранок истифодабарии иқтидори сармоявии минтақа асоснок гардидаанд. Собит карда шуд, ки механизми дастгирии сармоягузорӣ, равнақу рушди равандҳои сармоягузорӣ танҳо дар натиҷаи самаранок истифоданамоии иқтидори табиӣ-захиравии минтақа таъмин карда мешавад.

***истифодабарии*** усулҳои монографӣ, абстраксияи илмӣ, мушоҳида, ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, синтез, таҳлили иқтисодию математикӣ ва усули муқоисавӣ роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳуриро дар робита ба тақвияти сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ таъмин менамояд.

***баён шудани*** масъалаи сармоягузорӣ ва, махсусан, ҷолибияти минтақаҳо барои сармоягузориҳо аз ҷониби ҳукумати кишвар дар ҳамбастагӣ бо ҳукуматҳои минтақавию маҳаллӣ. Дар ҳоли ҳозир, ҷиҳати ҷалби сармоя ва сармоягузорони эҳтимолӣ бо назардошти назарияҳои вобаста ба ин самт ироагардида аз ҷониби Ҳукумати кишвар имтиёзҳои мухталифи андозию гумрукӣ ва, ҳамзамон, дигар навъҳои имтиёзӣ мавриди омӯзиш ва татбиқ қарор дода шудаанд.

***ошкор гардидани*** нишондиҳандаҳои аслии ҷалбкунандаи сармоягузории минтақа ҳамчун мавҷудияти захираҳои табиӣ инфрасохтори зарурии афзалиятноканд. НТҶ дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз қабили конҳои мухталифи фоиданок, имконоти густариши сайёҳӣ ва, ҳамзамон, дорои иқтидори бузурги обӣ буда, дар ҳоли ҳозир ин минтақа имкони афзоишдиҳии сармоя ва махсусан, сармояи хориҷиро дорад. Аммо, сармоягузориҳо ба НТҶ қаноаткунанда буда, новобаста аз мавқеи ҷугрофӣ, иқлимӣ ва иқтидори иқтисодӣ-истеҳсолӣ сармоягузориҳо ба НТҶ дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд.

***омӯхта шудани*** таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ (Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркия, ИМА, Бразилия, Россия) оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар самти бунёди рушди сайёҳӣ, корхонаҳои ба содирот нигаронидашуда, аз қабили коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ ва коркарди конҳои тилло, фулузот дар НТҶ аст.

***аз нав такмил додани*** механизми дастгирии давлатии сармоягузорӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа дар самти мувозингардонии номутаносибиҳо дар рушди минтақаҳо, ки бо густариши ин ҷузъи калидӣ дар кишвар, имкониятҳо дар самти ҷалби сармоя, ҷамъоварии даромадҳои пулии аҳолӣ, таъсиси корхонаҳои нав бамаротиб дучанд мегарданд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**дар амалия** ба тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

***ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз ҷониби Раёсати идоракунии лоиҳаҳои муштараки сармояғузории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва Идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифодабарӣ ва бо мақсади ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ба минтақа истифода мегардад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №62 аз 22.01.2025). Баъзе муқаррароти илмии кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои иқтисодиёти минтақавӣ, сармоягузорӣ, иқтисоди миллӣ, молия ва қарз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №541 аз 06.03.2025);

***муайян карда шуд,*** ки шаҳру навоҳии НТҶ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Аз ин хотир, вобаста ба имконот, иқтидор ва захираҳои мавҷуда сафарбарнамоии сармояғузориҳо зарур арзёбӣ мегардад. Барои мисол, дар навоҳии дорои захираҳои бузурги табиидошта равнақдиҳии ин бахш барои минтақаҳое, ки дар онҳо иқтидори табобатӣ-истироҳатӣ ва фароғатї зиёд мебошад, масалан, дар шаҳраки Оби Гарм ва Хоҷа Обигарм бунёди инфрасохтори зарурии замонавӣ ба назар мерасад. Илова бар он, бо таваҷҷуҳ ба шароити иқлимии минтақа густариши чорводорӣ ва занбӯрпарварӣ метавонад дар тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ боис гардад;

***офарида шуд:*** роҳандозии таҳқиқотҳои маркетингӣ метавонад дар тақвияти иқтидори сармоягузорӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа боис гардад, яъне, созмондиҳии фонди венчурии минтақавӣ, таъсиси оҷонсии рушди минтақаҳо; равнақи каналҳои паҳнкунандаи иттилоот дар мавриди ҷолибияти сармоягузориҳо ба минтақаҳо ва имконоти захиравӣ-табиии минтақа. Таъсиси чунин ташкилотҳо метавонанд дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии минтақаҳои кишвар муосидат намоянд;

***муаррифӣ карда шуд,*** ки ҷалби сармояи хориҷӣ барои минтақаҳои кишвар омили ҳаракатдиҳандаи иқтисоди минтақа ба шумор меравад. Барои ташвиқу тарғиби ин масъала бояд дар доираи мақомотҳои минтақавӣ марказҳои ташвиқотӣ-таблиғотӣ бо истифода аз фановариҳои муосир таъсис дода шаванд. Ҳамчунин, ҷалби минтақаҳои кишвар баҳри иштирок дар маъракаҳо ва анҷуманҳои муаррификунандаи маҳсулоти истеҳсолии минтақаҳо дар дохил ва хориҷи кишвар роҳандозӣ карда шавад, ки чунин амал метавонад ба ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мусоидат намояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки *назария*** дар асоси муқаррароти бунёдии иқтисодӣ, ҳамчунин, илмҳои соҳавии иқтисодӣ, ба монанди иқтисодиёти минтақавӣ, сармоягузорӣ, иқтисоди миллӣ ва молия ба роҳ монда шудааст.

***ғояи*** тадқиқот ба Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраҳои 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳои минтақаи НТҶ барои солҳои 2021-2025, маълумотҳои омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Internet асоснок шудааст.

***муайян шудааст,*** ки механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ҳамчун фароянди муттаҳидсози заминаҳо барои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва имконоти сармоягузориҳо дар пояи истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, демографӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа муайян карда мешавад. Дар ин ҷо, дар баробари манфиатҳои умумидавлатӣ манфиатҳои минтақавиро ба назар гирифтан лозим аст, ки ба пурра сафарбар кардан ва самаранок истифода бурдани захираҳои молиявии марказонида ва маҳаллӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он заруранд, имкон медиҳад.

***истифодаи*** муқаррароти илмӣ, хулосаҳои пешниҳодгардида ва тавсияҳои коркардшуда аз нуқтаи назари механзими илмии муосир омода карда шудааст. Инчунин, механизм ва нуқтаҳои коркардшудаи илмӣ дар диссертатсия бо таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватаниву бурунмарзӣ дар чорчӯбаи масъалаҳои таҳқиққардашуда мутобиқат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи довталаб дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии мавод, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, гузаронидани пурсиш, коркарди маводи таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва нашри мақолаҳо;

- аз рӯйи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 8 мақола бо ҳаҷми умумии 3,0 ҷ.ч., аз ҷумла, 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 28 феврали соли 2026 Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Сафарзода Сафармад Саид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қарор

қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоён 9 нафар доктороми илм ва 1 нафар номзади илм, инчунин оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар доктороми илм ва 1 нафар номзади илм иштирок доштанд. Аз 10 нафар иштирокдорони маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор:** **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, н.и.и.:** **Саиджонов Содикжон Шарифжонович**

28 феврали соли 2026